**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Холназаров Руҳулло Муҳамадович дар мавзӯи «Таҳлили лингвистӣ, гендерӣ ва омории антропонимҳои ноҳияи Лахш» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)– доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D 02.05.00.–Филология (6D 02.05.02.–Забони тоҷикӣ)**

Дар илми эроншиносии муосир дар тӯли даҳсолаҳои охир ба таҳқиқи бахши ономастика, ба вижа номҳои ҷуғрофӣ ва антропонимия (номҳои ашхос)-дарҷаи истеъмол, маъно, сохтор, пайдоиш ва минтақаи густариши онҳо таваҷҷӯҳи бештар зоҳир мешавад. Қобили зикр аст, ки перомуни қисматҳои ономастика, ба хусус топонимия ва антропонимияи қаламрави Тоҷикистон ва маҳалҳои тоҷикнишин, хусусиятҳои вижаи номҳои ашхос ҳам як силсила таҳқиқоти Р. Х. Додихудоев, А. Л. Хромов, И. М. Стеблин-Каменский, Т. Н. Пахалина, Н. Офаридаев, О. И. Смирнова, Ҷ. Алимӣ, Ш. Исмоилов, М. Шодиев, А. Абдунабиев, Д. Ҳомидов, О. Маҳмадҷонов, Б.Б. Тӯраев, А. Насриддиншоев, П. Б. Луре, О. Ғ. Ғафуров, М. Аюбова, Ш. Ҳайдаров, О. Қосимов ва дигарон анҷом дода шудааст, аммо бо вуҷуди ин масъалаҳои зиёде вобаста ба ташаккул ва таҳаввули номҳои ҷуғрофии манотиқи кишвар ва масъалаи пажӯҳиши номҳои ашхос то ҳанӯз пурра омӯхта нашуда ва аз доираи таҳқиқ берун мондаанд.

Минтақае, ки мавриди пажӯҳиши муҳаққиқи ҷавон-диссертант Холназаров Руҳулло Муҳамадович гардидааст, аз лиҳози таърихӣ ва забоншиносӣ воқеан ҷолиб аст, зеро муқоисаи номҳои тоҷикӣ ва қирғизӣ, ки муносибатҳои ду халқи гуногунзабонро, ки асрҳо боз дар як минтақа умр ба сар мебарад, инъикос мекунад. Минтақаи сарҳадии бо Ҷумҳурии Қирғизистон ва дорои аҳолии зиёди қирғиззабони Лахш дар ҳолати кунунии худ то андозае вазъи ташаккули забони тоҷикиро дар ҳудуди минтақаи мазкур инъикос мекунад. Ва аз нигоҳи лаҳҷашиносӣ низ минтақаи мазкур вижагиҳои хоси худро дорад. Ҳамин раванди таърихӣ дар тамоми қишрҳои забон, ҳатто дар тапонимия ва антропонимия мунъакис гардидааст. Ин барои забоншиносӣ, ба хусус таърихи забон, ономастика ва лаҳҷашиносӣ маводи хуби илмӣ дода метавонад.

Бо вуҷуди ин масъалаи мазкур то ба имрӯз дар доираи минтақаи Лахш пурра ва системавӣ таҳқиқ нагардиааст. Ва диссертатсияи илмии Р. М. Холназаров нахустин таҳқиқотест, ки ҳамин заъфи таҳқиқи илмии антропонимияи ноҳияи Лахш бартараф гардид.

Муҳаққиқи ҷавон Р. М. Холназаров маводи фаровони забониро дар тӯли беш аз панҷ сол аз тамоми гӯшаву канори ноҳияи Лахш ҷамъоварӣ кардааст. Дар диссертатсия бори нахуст вобаста ба мавзӯи таҳқиқшаванда номҳои ашхос дар ноҳияи Лахш мавриди таҳлили густурдаи линвистӣ, гендерӣ ва оморӣ қарор гирифтааст.

Муаллифи диссертатсия ба таҳлилу таҳқиқи маводи забонӣ аз дидгоҳи тоза ва бо таваҷҷуҳ ба дастовардҳои навини забоншиносии муосир назар андохтааст. Роҷеъ ба номҳои сокинони ноҳияи Лахш, ки дар муҳити дузабонӣ сурат гирифтаанд, бори нахуст таҳқиқот анҷом дода шудааст.

Муҳаққиқи ҷавон тавонистааст ҳам дар муқаддима ва ҳам дар бобҳои дохилии диссертатсияи худ аз маводи забонӣ ва далелҳои илмӣ хуб истифода намояд, нуктаҳои назариявии худро бо мисолҳои забонӣ собит намояд ва дар маврид ҳои зарурӣ бо муҳаққиқони дигар ба баҳсу мунозираи илмӣ пардозад ва назари худро исбот намояд. Ҳамаи ин шаҳодат аз он медиҳад, ки ӯ бо усулҳои муосири пажӯҳиш ва механизми таҳқиқоти илмӣ хуб ошноӣ дорад; тамоми маводи илмии марбут ба мавзӯи таҳқиқотро дастрас карда, онҳоро бахш ба бахш дар диссертатсияи хеш таҳлил ва баррасӣ кардааст; назарияву амалияи таҳқиқоти илмиро бо ҳам пайваста метавонад ва ҳамчун муҳаққиқи забоншинос ба камол расидааст.

Дар баробари муваффақиятҳои хеш муаллиф дар автореферат худ, ки муаррифкунандаи муҳтавои диссертатсияаш аст, ба ғалатҳои зерини имлоиву китобӣ, техникӣ, услубиву мантиқӣ ва ғайра роҳ додааст, ки ислоҳи онҳо ба фоидаи кор буда, ба ҳусни аслии диссертатсияи илмии ӯ ҷилои нав хоҳанд бахшид:

1. Аз муқоваи автореферат диссертатсия сар карда, дар саҳифаҳои 7, 10 ва 12-и он ғалатҳои техникӣ роҳ ёфтаанд.
2. Дар автореферат баъзе аз асарҳои илмии вобаста ба мавзӯи диссертатсия истифода нашудааст. Аз ҷумла, дар муқаддима, бобҳои дохилии диссертатсия ва дар феҳристи илмии автореферат асарҳои илмии оид ба антропонимҳо ва таҳлили гендерии онҳо анҷомдодаи Б. Б. Тӯраев ишорае нест.
3. Дар автореферат диссертатсия ягон ишораи истифодаи маъхазҳо дида намешавад.
4. Дар саҳифаи 14-и автореферат дар бахши номҳои иқтибосӣ вожаи «Ҳайдар»-ро, ки ба арабӣ буданаш шубҳа аст, онро арабӣ додааст. Оид ба ин вожа ишораҳои махсуси эроншинос В. А. Лившитс ва Бобоназар Бобохонов вуҷуд дорад.

5. Зери номҳои сомӣ, номҳои Довуд, Юнус, Мӯсо, Юсуф, Яъқуб ва ғайраро меорад, ки онҳо сомӣ набуда, балки ҳомӣ мебошанд, арабҳо аз шохаи сомианд. Аслан дурусташ ҳомиву сомӣ аст, зеро онҳо аз як оилаанд.

6. Дар автореферат рӯйхати адабиёти илмии истифодашуда оварда нашудааст.

Ғалатҳои номбурда ислоҳшаванда буда, қимати илмии авторефератро коста намесозанд. Дар маҷмӯъ таҳқиқоти илмии мазкур кори анҷомёфта буда, ҷавобгӯи меъёрҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6 D 02.05.00.–филология (6D 02.05.02.–Забони тоҷикӣ)» аст.

**Ходими калони илмии**
**Институти забон ва адабиёти**
**ба номи Абӯабдулло Рӯдакии**
**АИ ҶТ, номзади илми филология** **Тӯраев Бурҳониддин**

**Имзои ходими калони илмии**
**Институти забон ва адабиёти**
**ба номи Абӯабдулло Рӯдакии**
**АИ ҶТ, номзади илми филология**
**Тӯраев Бурҳониддинро тасдиқ**
**мекунам, Сардори шуъбаи кадрҳо** **Муродова Ситора**

ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ АБӮАБДУЛЛО РӮДАКИИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
МӮҲРИ КАДР